Разрешительный кодекс РТ в качестве специального кодифицированного нормативно-правового акта должен систематизировать все разрешительно- правовые нормы; установить исчерпывающий перечень разрешительных видов деятельности; закрепить единый реестр разрешительных документов; определить порядок осуществления видов разрешительной деятельности и четкое разграничение между лицензированием и разрешительной системой. Кроме того, он должен урегулировать процессуальное правовое положение участников разрешительных правоотношений; определить цели, задачи разрешительной системы и необходимые критерии определения видов деятельности, подлежащих регулированию путем выдачи разрешительных документов; установить критерии разделения видов деятельности на лицензируемые виды деятельности и разрешительные виды деятельности и. т.д.

**Вторая глава «Разрешительное производство как предмет административно-правового регулирования в Республике Таджикистан»** посвящена исследованию содержательных аспектов разрешительного производства и его особенностей как составной части административного процесса, изучению основных форм и стадий реализации разрешительного производства.

**В параграфе 2.1. «Концептуальные основы формирования современной теории разрешительного производства»** исследуется понятие, сущность и особенности разрешительного производства как самостоятельной разновидности административно-процессуальных производств.

Проведенное исследование приводит автора к выводу о необходимости совершенствования положений Кодекса об административных процедурах Таджикистана и законодательных актов, регулирующих вопросы разрешительное производства. Подчеркивается, что закон «О разрешительной системе» в части разрешительного производства должен соответствовать положениям Кодекса об административных процедурах. В итоге концептуального осмысления различных теоретических подходов к пониманию разрешительного производства предлагается авторское определение его понятия для целей возможного последующего закрепления в законе(кодексе) о разрешительной системе.

Анализ юридической природы, особенностей и структуры разрешительного производства показывает, что оно обладает базовыми элементами как административного – процедурного производства, так и административно-юрисдикционного производства. На этой методологической основе диссертант исследует весь комплекс проблем раз-

решительного производства как динамической стороны функционирования разрешительной системы. В частности, изучаются вопросы, связанные с правовым статусом участников разрешительного производства и делается вывод о том, что их процессуально-правовое положение не урегулировано должным образом в национальном законодательстве о разрешительной системе.

Автор обосновывает положение о необходимости построения системы участников разрешительного производства и включения в нее следующих субъектов:

- стороны - соискатель (обладатель) разрешительного документа и разрешительный орган;

- иные участники разрешительного производства - уполномоченные государственные органы, не имеющие правом выдавать разрешительный документ, но имеющие контрольно-надзорные полномочия за соблюдением разрешительных требований и условий; представители соискателя и обладателя разрешительного документа; судебные органы; специалист – эксперт.

Завершая параграф автор приводит доводы в пользу закрепления в законодательстве о разрешительной системе всего комплекса участников разрешительного производства и регламентации их процессуально-правового положения.

**В параграфе 2.2. «Стадии разрешительного производства: дискуссионные вопросы теории и правовое регулирование»** разрешительное производство исследуется как разновидность административных процедур, которые регламентируются административно-процессуальными нормами, имеет стадийный характер.

В результате анализа дискуссионных точек зрения ученых по вопросам классификации стадий разрешительного производства обосновывается вывод о том, что в качестве стадий разрешительного производства выступают: а) возбуждение производство по делу (возбуждение разрешительного производства); б) рассмотрение дела по существу и принятие решение; в) разрешительный контроль (надзор); г) переоформление, продление и выдача дубликата разрешительный документ (факультативный); д) применение мер государственного принуждения за несоблюдение правил, требований и условий разрешительной деятельности (факультативный).

В этом параграфе диссертантом подробно исследуется специфика правовой регламентации каждой из стадий разрешительного производства, в результате чего вносится целый ряд предложений, направленных на устранение проблем процедурного характера в действующем национальном законодательстве о разрешительной системе. В частности, предложено закрепить в Законе «О разрешительной си-

стеме» отдельные статьи, касающиеся: сроков рассмотрения и принятия решение органа о предоставлении разрешительного документа или об отказе в предоставлении разрешительного документа; формы и порядка принятия приказа (распоряжения) разрешительного органа о предоставлении разрешительного документа или об отказе в предоставлении разрешительного документа; сведений, подлежащих включению в приказ (распоряжение) разрешительного органа о предоставлении разрешительного документа или об отказе в предоставлении разрешительного документа и в разрешительный документ; порядка и механизма осуществления разрешительного контроля за соблюдением требований и условий разрешительной деятельности и.т.

Для решения процессуальных проблем в практике разрешительных органов во время осуществления разрешительного производства автор считает необходимым принятие Правительством Республики Таджикистан Положения об особенностях разрешительных отдельных видов деятельности.

**Третья глава «Административная ответственность за нарушение разрешительных требований и условий в Республике Таджикистан: правовое регулирование и проблемы его совершенствования»** посвящена рассмотрению концептуальных подходов к определению понятия и видов административной ответственности за нарушение разрешительных требований и условий, исследованию механизма применения административной ответственности за нарушение разрешительных требований и условий и проблемы совершенствования законодательствах Республики Таджикистан в сфере административной ответственности за нарушение разрешительных требований и условий.

**В параграфе 3.1. «Теоретические подходы к определению природы административной ответственности, применяемой за нарушение разрешительных требований и условий обладателям разрешительного документа»** исследует правовую природу функции административной ответственности, которая реализуется в связи с неправомерным поведением обладателей разрешительного документа.

Соискатель анализирует юридическую природу и специфику административных наказаний обладателя разрешительного документа в виде приостановления действия разрешительного документа и аннулирования разрешительного документа. Делается вывод, что названные наказания являются самостоятельными видами административной ответственности. Исходя из этого обосновывается предложение о необходимости внесения изменений в КоАП РТ и закрепления в нем административных наказаний за нарушение разрешительных требований и условий обладателям разрешительного документа в виде «административное приостановление действия разрешительного документа на

осуществление определенных видов деятельности» и «аннулирование разрешительного документа на осуществление определенных видов деятельности».

Особое внимание в этом параграфе уделяется уточнению соотношения понятий «аннулирование», «отзыв» и «лишение» разрешительного документа, которые используются в работах ученых административистов и широко применяются (нередко достаточно противоречиво и непоследовательно) в законодательстве Республики Таджикистан. Применительно к сфере административно-деликтного права диссертантом обосновывается целесообразность применения законодателем для обозначения вида административного наказания понятия «аннулирование разрешительного документа на осуществление определенных видов деятельности».

Значительное место в данном параграфе отведено изучению порядка и оснований приостановления действия разрешительного документа и аннулирования разрешительного документа. Анализируя особенности этих оснований, диссертант не только выявляет их сущность и виды, но и конструирует их определенную систему. Опираясь на полученные результаты он обосновывает положение о необходимости закрепить все основания приостановления действия разрешительного документа и аннулирования разрешительного документа в отдельных статьях Закона о разрешительной системе.

**В параграфе 3.2. «Проблемы совершенствования административной ответственности за нарушение разрешительных требований и условий в законодателях Республики Таджикистан»** выявляются проблемы и противоречия в Кодексе Республики Таджикистан об административных правонарушениях от 31 декабря 2008 года №455 (далее КоАП РТ), которые препятствуют динамичному развитию всего комплекса норм, регулирующих разрешительную систему в целом, и институт административной ответственности за нарушение разрешительных требований и условий, в частности.

Исследовав практику применения административной ответственности за нарушение разрешительных требований и условий, установленную КоАП РТ, автор выявил целый ряд пробелов и противоречий в правовом регулировании. Выявлено, например, что нормы общей части Кодекса довольно часто противоречат содержанию норм особенной части; за нарушение разрешительных требований и условий одновременно в нескольких статьях КоАП РТ предусмотрены отдельные административные наказание. Опираясь на проведенное исследование, соискатель выдвигает некоторые предложения по совершенствованию законодательства Республики Таджикистан об администра-

тивной ответственности за нарушение разрешительных требований и условий.

В частности, он обосновывает предложения о включении в КоАП РТ целый перечень отдельных статей под следующими наименованиями: «Осуществление деятельности, требующей наличия разрешительного документа, без разрешительных документов»; «Нарушение разрешительных требований и условий осуществления определенного вида деятельности»; «Нарушение процедуры выдачи разрешительного документа»; «Ответственность разрешительных органов за нарушение требований правил ведения единого государственного электронного регистра разрешительных документов и (или) правил ведения реестра разрешительных документов»; «Ответственность разрешительных органов за нарушение требований и условий осуществления разрешительного контроля».

В **заключении** подводятся итоги диссертационной работы, формулируются основные выводы диссертационного исследования и предложения соискателя по решению выявленных проблем. Разрешительная система как особый административно-правовой институт представляет собой совокупность административно-правовых норм, установленных государством, которые регулируют общественные отношения, возникающие между уполномоченными государственными органами и физическими и юридическими лицами при разрешительном производстве связанном с выдачей, приостановлением и аннулированием разрешительного документа; контроль соблюдение требований и условий разрешительной системы и применение мер административное ответственности в отношение нарушителя порядка разрешительной системы[2–А].

В разрешительную систему входят такие виды деятельности, неквалифицированные осуществление которых может повлечь за собой нанесение ущерба правам, здоровью граждан, законным интересам, обороне и безопасности государства, культурному наследию народов РТ и регулирование которых не может осуществляться иными способами, кроме как разрешительной системой Цель разрешительной системы – обеспечение безопасности общества, государства, охрана прав и свобод, нравственности, здоровья населения и окружающей среды [9–А].

Лицензирование – одна из форм разрешительной системы и их отождествление или противопоставление является некорректным. Лицензирование как составная часть разрешительной системы представляет собой совокупность мероприятий, связанных с предоставлением лицензий, переоформлением документов, подтверждающих наличие

лицензий, приостановлением и возобновлением действия лицензий, аннулированием лицензий и контролем лицензирующих органов за соблюдением лицензиатами при осуществлении лицензируемых видов деятельности соответствующих лицензионных требований и условий[3–А].

Разрешительная система представляет собой намного более широкое понятие: кроме лицензирования включает и такие виды деятельности, как регистрация, аккредитация, стандартизация, сертификация, аттестация и др[1–А].

Административно-правовое регулирование разрешительной системы включает в себя: регламентацию данной деятельности на законодательном уровне; деятельность уполномоченных государственных органов в области правоприменения (осуществление разрешительного производства и нормотворческое производство); контроль и надзор в данной области; привлечение к административной ответственности в случае обнаружения нарушений разрешительного порядка и разрешительных требований и условий [7–А].

В настоящее время нормативно-правовое регулирование разрешительной системы в РТ находится во фрагментированном состоянии. Причина кроется в отсутствии единого кодифицированного нормативного правового акта, регламентирующего вопросы разрешительной системы.

Для решения этой проблемы и систематизации положений нормативных правовых актов, регламентирующих разрешительную систему, автором делается вывод, что своевременное принятие Разрешительного кодекса Республики Таджикистан должно стать единственным кодифицированным нормативным правовым актом, определяющим разрешительные виды деятельности и порядок получения разрешительных документов. Принятие Разрешительного кодекса должно повлечь за собой прекращение действия многочисленных законодательных и подзаконных актов, регламентирующих разрешительно-правовые отношения в различных отраслях и сферах. Разрешительный кодекс должен содержать материальные и процессуальные нормы разрешительной системы [10–А].

## ОСНОВНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ ДИССЕРТАЦИИ ОТРАЖЕНЫ В СЛЕДУЮЩИХ ПУБЛИКАЦИЯХ АВТОРА:

### Статьи, опубликованные в рецензируемых научных журналах, входящих в перечень Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан


[1–А]. Наимов, Б.Г. Понятие и сущность разрешительной системы в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. «СИНО», 2017. – №2(6). – С. 221– 224.

[2–А]. Наимов, Б.Г. Некоторые вопросы разрешительной системы в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // «Правовая жизнь» Научно – информационный журнал. –Душанбе. 2018. – №1(18). – С. 95–106.

[3–А]. Зеленцов, А.Б., Наимов, Б.Г. Разрешительная деятельность органов внутренних дел в Республике Таджикистан [Текст] / А.Б. Зеленцов, Б.Г. Наимов // Вестник ВИПК МВД России. – Москва. 2018. – №2. – С. 128–134.

[4–А]. Наимов, Б.Г. Некоторые вопросы разрешительного правоотношения в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. 2018. – №4 – С. 279–283.

[5–А]. Наимов, Б.Г. Понятия разрешения и лицензии в законодательстве Республики Таджикистан в контексте сравнительного правоведения [Текст] / Б.Г. Наимов // Журнал «Административное право и процесс», Федеральный научно-практический журнал. – Москва. 2018. –№5. – С. 73-78.

[6–А]. Наимов, Б.Г. Разрешительное производство как особый вид административного производства [Текст] / Б.Г. Наимов //«Правовая жизнь» Научно – информационный журнал. – Душанбе. 2019. – №2(26). – С. 242–254.

[7–А]. Нфаимов, Б.Ғ. Мушкилоти танзими ҳуқуқии падидаи низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ». –Душанбе. 2020. – №1(29). – С. 300–306.

[8–А]. Наимов, Б.Ғ. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи иҷозатдиҳӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ.

Наимов // Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ». –Душанбе. 2020. – №3(31). – С. 250-261.

**Статьи, опубликованные в иных журналах и сборниках**

[9–А]. Наимов, Б.Г. Понятие и особенности лицензионно-разрешительной системы [Текст] / Б.Г. Наимов // Научно-информационный журнал «Правовая жизнь» – Душанбе. 2015. – №3(11) –С. 60-69.

[10–А]. Наимов, Б.Ғ. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми иҷозатдиҳӣ [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) / Зери таҳрири д.и.ҳ. профессор Диноршоев А.М. –Душанбе. Эксклюзив. –2016. – С.63-67.

[11–А]. Наимов, Б.Ғ. Мафҳум ва намудҳои иҷозатнома(литсензия) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон // Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе. 2016. – №2(02). – С. 64–70.

[12–А]. Наимов, Б.Г. К вопросу о понятии лицензионно-разрешительной системы в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Материалы V Международной научно-практической конференции «Глобализация и публичное право» – Москва: РУДН. – 2017. – С. 248–255.

[13–А]. Наимов, Б.Г. Общая характеристика разрешительной системы [Текст] / Б.Г. Наимов // Материалы Конференция памяти Куфаковой Н.А «Публично-правовые механизмы в обеспечении общественного развития». – Москва: РУДН. – 2017. – С. 182–191.

[14–А]. Наимов, Б.Г. К вопросу о понятии и видах разрешений в административном праве [Текст] / Б.Г. Наимов // // Материалы VI –й Международной научно-практической конференции «Глобализация и публичное право». – Москва: РУДН. – 2018. – С. 301–308.

[15–А]. Наимов, Б.Г. Действие разрешений во времени в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Материалы межвузовской научной конференции «Актуальные проблемы административного, финансового и информационного права в России и за рубежом». – Москва: РУДН. – 2018. – С. 179–187.

[16–А]. Наимов, Б.Г. О структуре разрешительного правоотношения [Текст] / Б.Г. Наимов // Материалы Всероссийской научной конференции, посвящённой памяти профессора Нины Антоновны Ку-

факовой «Публично-правовые механизмы в обеспечении общественного развития» – Москва: РУДН. –2018. – С. 169–177.

[17–А]. Наимов, Б.Г. К вопросу о понятии и классификации субъектов разрешительной системы [Текст] / Б.Г. Наимов // Глобализация и публичное право: материалы Международной научно-практической конференции. – Москва: РУДН. – 2019. – С. 202–210.

[18–А]. Наимов, Б.Г. Проблемы процессуально-правового положения участников разрешительного производства в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. –Душанбе. 2019 – №3 (15). – С. 101–109.

[19–А]. Наимов, Б.Ғ. Принсипҳои асосии танзими низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. –Душанбе. 2019. – №4(16). – С. 56 –74.

[20–А]. Наимов, Б.Ғ. Ҳайати иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми иҷозатдиҳӣ [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе. –2020. Матбааи ДМТ. – С. 238–248.

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

УДК 342.9(575.3)
ББК 67.99(2)1(2Т)
Н – 20

**НАИМОВ БОБОҶОН ҒОИБОВИЧ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-МАЪМУРИИ НИЗОМИ ИҶОЗАТДИҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## А В Т О Р Е Ф Е Р А Т

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

ДУШАНБЕ – 2021

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Зелентсов Александр Борисович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Донишгоҳи дустии халқҳои Россия (Федератсияи Россия), Ҳуқуқшиноси шоистаи ФР |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Маликова Гулчеҳра Рихсиходжаевна –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи «Ташкил ва идоракунии фаъолияти прокурорӣ»-и Академияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) |
| | **Каримов Ҳусейн Мухторович –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, корманди илмии Маркази илмӣ-тадқиқотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд) |

Ҳимояи диссертатсия 27 августи соли 2021 соати 11.00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи маркази ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ____________ соли 2021 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш аз низоми идоракунии иқтисодии маъмурӣ-фармонравоӣ ба иқтисоди бозоргонӣ, дар Конститутсия муқаррар намуд, ки асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад ва давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад (м. 12, Конститутсияи ҶТ). Барои амалисозии ин функсияи давлат бунёди падидаҳои нави ҳуқуқӣ, ки тавонанд танзими ҳуқуқии босуботи фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди устувори иқтисодии мамлакатро ба низом дароранд, тақозо карда мешуд.

Мутобиқи муқаррароти Конститутсия, давлат уҳдадор аст, ки натанҳо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд, ҳамчунин барои амалисозии онҳо шароити арзандаро фароҳам орад. Барои расидан ба ин ҳадаф ва иҷрои ин вазифаи муҳимми давлат, рушду инкишофи устувори яке аз падидаҳои муҳимми ҳуқуқи маъмурӣ – низоми иҷозатдиҳӣ мусоидат менамояд.

Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар ҶТ яке аз мавзӯъҳои мубрами таҳқиқотӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, аз ҷумла дар илми ҳуқуқи маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Низоми иҷозатдиҳӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон падидаи нав буда, омӯзиши ҳамаҷониба ва ҷиддиро талаб менамояд. Дар раванди танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ бисёр масъалаҳои муҳим ва ҳалношуда ба миён меоянд, ки ҳалли дурусти онҳо фаҳмиш ва назари комплексиро талаб менамояд. Зарурати ҷустуҷӯи ҳалли комплексии мушкилоти бавуҷудомада ва бартарафсозии норасоиҳои ҷамъгардида дар ташкил ва амалигардонии низоми иҷозатдиҳии ҷумҳурӣ дар навбати аввал аз он вобастагӣ дорад, ки дар таҷрибаи амалисозии он монеаҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омада, ба рушди устувори минбаъдаи ин низом монеа мегарданд.

Дар ин замина яке аз масъалаҳои мубрамро масъалаи таъмини мувофиқ ва зарурии танзими ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳии ҶТ ташкил медиҳад. Танзими ҳуқуқӣ дар ин самт ба стандартҳои муосири ҳуқуқи маъмурӣ мутобиқат накарда, мавҷудияти норасоиҳо ва ихтилофи зиёд дар қонунгузории миллӣ ба амалҳои коррупсионии шахсони мансабдор ҳангоми додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ мусоидат намуда, ба рушди озоди иқтисод ва соҳибкорӣ монеаҳои маъмуриро ба миён меоранд.

Мавҷудияти шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаи низоми иҷозатдиҳӣ, ҷой доштани мухолифати байни якдигарии меъёрҳои онҳо, ба рушди ботадриҷи соҳаи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷомеа халал ворид мекунад. Мубрам будани мавзӯи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки он пайваста мавриди таваҷҷӯҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ҷумла Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ санаи 15 апрели соли 2009 махсус қайд намуданд: «Вақти он расидааст, ки муқаррароти гирифтани ҳама гуна иҷозатро бо роҳи қабули қонуни дахлдор ба низом даровардa, танҳо иҷозатҳое нигоҳ дошта шаванд, ки ба таъмини бехатарии ҳаёту саломатии шаҳрвандон ва амнияти иқтисодии мамлакат нигаронида шудаанд»[28].

Дар робита ба ин, аз 7 марти соли 2009, таҳти №633 Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид. Дар натиҷаи ин ислоҳот лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» таҳия гардида, аз ҷониби парламенти кишвар таърихи 2 августи соли 2011, таҳти №751 қабул карда шуд.

Дар ҷаҳони муосир консепсияи танзими ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ дар асоси ду принсип рушд дорад – «танзими камтар» ва «танзими беҳтар». Қонуни ҶТ аз 2 августи соли 2011, таҳти №751 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»[29] дар заминаи таҷрибаи мамлакатҳои Аврупо дар асоси принсипи «танзими камтар», ошкоро ба инобат нагирифтани ҳолатҳои воқеӣ ва махсусияти миллии баамалбарории падидаи низоми иҷозатдиҳии кишвар, ҳамчунин бе гузаронидани таҳқиқотҳои амиқи назариявӣ ва амалии олимон вобаста ба масъалаи мазкур, қабул карда шудааст. Дар натиҷаи қабул гардидани Қонун ҳолати низоми иҷозатдиҳӣ дар мамлакат на беҳтар, балки баръакс боз ҳам мураккабтар гардид. Ҳолати муҳимро муқаррарнамоии ҳадди амалии падидаи мазкур ташкил медиҳад, ки бояд ба барзиёдӣ ва ё ихтисороти беасоси он роҳ дода нашавад. Дар робита ба ин, таҷрибаи низоми иҷозатдиҳӣ ҳамеша бо як қатор масъалаҳои ҳалношуда рӯ ба рӯ аст, ки ба таври назаррас имконоти рушди падидаи мазкурро дар танзими ҳуқуқӣ-маъмурии соҳаи иқтисодиёт паст менамоянд.

[28]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 // http://prezident.tj / ru (санаи муроҷиат: 05.03 2018).
[29] Қонуни ҶТ аз 2 августи соли 2011, №751 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ // URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 05.04.2019).

Доир ба мубрамияти мавзӯъи мазкур, ҳамчунин муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028[30], ки бо Фармони Президенти ҶТ тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад. Консепсияи мазкур афзалияти бунёдии сиёсати давлатиро оид ба масъалаи фаъолияти соҳибкорӣ муайян намуда, такмили қонунгузории мамлакатро вобаста ба низоми иҷозатдиҳӣ барои давраи солҳои 2018-2028 масъалагузорӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, низоми иҷозатдиҳӣ – яке аз падидаҳои муосири қонунгузорӣ аст, ки дар ҶТ босуръат инкишоф ёфта истодааст ва ба таври самаранок дар танзими бахшҳои васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мегардад. Ҳамзамон, дар қонунгузории амалкунанда перомуни низоми иҷозатдиҳӣ низомнокии муносиб мавҷуд нест, ки ин ҳолат зарурияти гузаронидани таҳқиқоти илмии маҷмӯӣ (комплексӣ)ғи саривақтиро талаб мекунад.

Мубрам будани мавзӯи баррасишаванда, ҳамчунин бо он вобастагӣ дорад, ки дар илми ҳуқуқи ҶТ таҳқиқоти маҷмӯӣ (комплексӣ)ғи марбут ба масъала ва мушкилоти низоми иҷозатдиҳӣ ҷой надорад. Мутаассифона, дар илми ҳуқуқи маъмурии ҶТ то ба ҳол фаҳмиши ягона оид ба мафҳуми низоми иҷозатдиҳӣ, моҳият, мақсад, шакл ва усулҳои амалигардонии он коркард карда нашудааст; Консепсияи низоми иҷозатдиҳӣ қисман пешниҳод гардида аз лиҳози ҷанбаҳои алоҳида баррасӣ карда шудааст. Ин масъала дар амалия низ ба таври мусбат инъикос нагардида, ба сифат, мақсаднокӣ ва дурустии танзими меъёрии ҳуқуқӣ таъсир расонида, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, аз ҷумла, баамалбарории адолати судиро мураккаб ва мушкил мегардонад.

Дар шароити имрӯза фаҳмиши ягонаи моҳияти ҳуқуқӣ, мақсад ва вазифаҳои низоми иҷозатдиҳӣ мавҷуд нест, ки ин ҳолат ба амалисозии муносибатҳои иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла танзими истеҳсолоти расмиёти иҷозатдиҳӣ дар ҶТ мухолифат намуда, ба қонунгузории муосири соҳа низ пурра мутобиқат намекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-

[30] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028.: Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 // ММИҲ «ADLIA». v.7.0.

конститутсионии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили қонунгузорӣ» омода карда шудааст.

**Дараҷаи илмии коркард шудани мавзӯи таҳқиқот**. Дар ҶТ чун дигар давлатҳои пасошӯравӣ падидаи низоми иҷозатдиҳӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба ташаккул ва рушди худ оғоз намуд. Бо вуҷуди он, ки дар илми ҳуқуқи маъмурии Россия вобаста ба мавзӯи низоми иҷозатдиҳии маъмурӣ шумораи зиёди таҳқиқоти илмӣ анҷом ёфтааст, аммо дар илми ҳуқуқи Тоҷикистон мавзӯи мазкур то ба ҳол ба ҳайси мавзӯи омӯзиши амиқи махсус қарор нагирифтааст. Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти бунёдии падидаи низоми иҷозатдиҳӣ на танҳо дар доираи ҳуқуқӣ маъмурӣ, балки дар маҷмӯъ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон низ анҷом дода нашудааст.

Масъалаҳои назариявӣ ва амалии низоми иҷозатдиҳӣ дар осори бисёре аз муаллифони рус, ки мавзӯи мазкурро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият омӯхтаанд, мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Дар шароити муосир таваҷҷуҳ нисбат ба падидаи низоми иҷозатдиҳии маъмурӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ, махсусан ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба таври назаррас афзӯда истодааст.

Тавсифи умумии низоми иҷозатдиҳӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар қисматҳои дахлдор ва бобҳои алоҳидаи корҳои илмии мутахассисони ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистону Россия ва мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқи ҳамҷавор ба назар мерасад, чунончӣ: Д.Н. Бахрах[31], А.Б. Агапов[32], А.Б Зелентсов[33], С.Н. Махино, М.А. Штатина[34], С.И. Иброҳимов[35], А.Д. Ғафуров, А.М. Диноршоев[36], Х.О. Ойев[37], Ҷ.Н. Ҷамшедов, Ғ.Б. Санавваров, З.М. Раҳматова[38] Б.Ҳ. Раззоқов[39], Р.Н. Ма-

---

[31] Бахрах Д.Н. Административное право России: учебник. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Эксмо, 2011. – 622 с.

[32] Агапов, А.Б. Административное право: учебник. 9-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2014. – 937 с.

[33] Административно-процессуальное право России: учебник для бакалавриата и магистратуры. – М.: Юрайт, 2016. – 340 с.

[34] Административный процесс: учебник для бакалавриата и магистратуры / под ред. М.А. Штатиной. – М.: Юрайт, 2016. – 364 с.

[35] Ибрагимов С.И. Административная юстиция в центрально-азиатских государствах: проблемы становления и развития: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2013. – 462 с.

[36] Административное право Республики Таджикистан: учебное пособие / под ред. А.М. Диноршоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 278 с.

[37] Ойев Х. Ҳуқуқи мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе. 2013. 300 с.

[38] Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2017. – 200 с.

[39] Раззоков Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук: – М., 2014. – 459 с.

рифхонов[40], Ҳ.М. Каримов, З.М. Соибов[41], С.М. Салоҳидинова[42] ба назар мерасад.

Бештари таҳқиқоти диссертатсионӣ бо такя ба мавзӯи иҷозатномадиҳӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ таҳия гардидаанд. Инҳо осори А.Б. Багандов[43], Ю.Н. Милшин[44], С.А. Тарасов[45], М.А. Агапова[46], А.Н. Орлов[47], Г.В. Мелничук[48], С.Я. Нелюбин[49], мебошанд.

Ба таҳқиқоти диссертатсионие, ки ба масъалаҳои умумии низоми иҷозатдиҳӣ бахшида шудаанд, корҳои Д.В. Осинтсев[50], Р.А. Журавлев, К.И. Костилева[51], Ю.К. Валяев[52], Д.В. Шохин[53], Н.В. Субано-

---

[40] Марифхонов Р.Н. Проблемы правового регулирования административных процедур в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук: – М., 2013. – 170 с.

[41] Соибов З.М. Административно-правовые основы организации и деятельности таможенных органов Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук: – Душанбе, 2017. – 178 с.

[42] Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан: монография. – Душанбе. 2017. 205 с.

[43] Багандов А.Б. Административно-правовое регулирование лицензионных отношений в Российской Федерации: теоретико-правовые основы, современное состояние, перспективы: автореф. дис. ... д-ра юрид.
наук: – Ростов н/Д, 2007. – 48 с.; Багандов А.Б. Лицензионное право: учебно-практическое пособие / под ред. Ю.А. Дмитриева. – М.: Эксмо, 2004. – 637 с.; Багандов А.Б. Лицензирование юридических лиц: монография. – М.: Медпрактика, 2000. – 126 с.

[44] Мильшин Ю.Н. Лицензирование как административно-правовой институт: дис. … канд. юрид. наук: – Саратов, 1999. – 165 с.

[45] Тарасов С.А. Лицензирование как метод государственной разрешительной политики в сфере предпринимательской деятельности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – 20 с.

[46] Агапова М.А. Институт лицензирования в административном праве: дис. … канд. юрид. наук: – М., 2006. – 179 с.

[47] Орлов А.Н. Теория и практика правового регулирования лицензионных отношений в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук: – М., 2001. – 203 с.

[48] Мельничук Г.В. Лицензирование как форма государственного регулирования предпринимательской деятельности в России и США: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – 224 с.

[49]Нелюбин С.Я. Режим лицензирования в Российской Федерации: административно-правовой аспект: дис. канд. юрид. наук: – М., 2004. – 183 с.

[50] Осинцев Д.В. Разрешительная система в Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук: – Екатеринбург, 1995. – 24 с

[51] Костылева К.И. Административно-правовое регулирование лицензионно-разрешительной деятельности: дис. … канд. юрид. наук: – М., 2005. – 172 с.

[52] Валяев Ю.К. Метод разрешения в административном праве: дис. … канд. юрид. наук: – М., 2009. – 187 с.

[53] Шохин Д.В. Административно-правовой институт разрешительной системы в механизме государственного управления: дис. ... канд. юрид. наук: – М., 2012. – 228 с.

ва[54], мансуб мебошанд. Миёни таҳқиқоти зикргардида рисолаҳои Д.В. Шохин (с. 2012) ва Н.В. Субанова (с. 2014) ба масъалаҳои бунёдии низоми иҷозатдиҳӣ бахшида шудаанд.

Аммо, новобаста аз шумораи зиёди осори илмии олимони Россия, то имрӯз на танҳо дар Тоҷикистон, балки ҳамчунин дар дигар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ масъалаҳои зиёди бунёдии ҳалношудаи марбут ба асоснокии маҷмӯӣ (консептуалӣ)ғи мазмуни фаҳмиши муосири мафҳуми низоми иҷозатдиҳӣ, замина ва шароитҳои танзими меъёрии ҳуқуқии он боқӣ мондаанд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки масъалаи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар илми ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ коркард нагардида, ҳамчунин таҳқиқоти илмии амиқи ҳамаҷонибаи он ҷой надорад. Ба боварии комил метавон гуфт, ки дараҷаи омӯзиши танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ҷой надорад ва таҳқиқи пурра ва ҳамаҷонибаи он аҳаммияти мубрамро касб менамояд.

**Объекти таҳқиқоти** рисолаи мазкурро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд.

**Предмети таҳқиқотро** маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ-маъмурии муқарраркунандаи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, назария, таълимот ва барномаҳои ҳуқуқӣ дар ин самт, ҳамчунин таҷрибаи амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки бо баамалбарории расмиёти иҷозатдиҳӣ алоқаманданд, ташкил медиҳад.

**Мақсади таҳқиқотро** коркарди таълимоти муосири низоми иҷозатдиҳӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон дар асоси ошкор намудани қонуниятҳои умумӣ, махсусият ва вижагиҳои миллии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти иҷозатдиҳӣ дар ҶТ, коркарди пешниҳодҳо оид ба ҳалли самараноки мушкилиҳои ошкоршуда ва такмили қонунгузорӣ дар соҳаи низоми иҷозатдиҳии ҶТ дар доираи амалисозии ислоҳоти имрӯзаи ҳуқуқи маъмурӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунии ҶТ ташкил медиҳад.

Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда, ҳалли чунин **вазифаҳо** зарур аст:

1) таҳлили таносуби мафҳуми «низоми иҷозатдиҳӣ» бо истилоҳ ё ибораи «низоми иҷозатномадиҳӣ-иҷозатдиҳӣ» ва «иҷозатномадиҳӣ»

[54] Субанова Н.В. Теоретические и прикладные основы прокурорского надзора за исполнением законов о разрешительной системе: дис. … д-ра юрид. наук: – М., 2014. – 462 с.

ва пешниҳоди мафҳуми муаллифии низоми иҷозатдиҳӣ бо назардошти аломатҳо ва махсусиятҳои он;

2) омӯзиши табиати ҳуқуқии «иҷозат», «иҷозатнома», «иҷозати махсус» ва ошкор намудани махсусияти таносуби онҳо;

3) аниқ намудани доираи субъектон ва объектони низоми иҷозатдиҳӣ, ошкор намудани махсусияти муайяннамоӣ ва тансифи онҳо;

4) таҳлили ҳолати таърихӣ ва муосири қонунгузорӣ оид ба низоми иҷозатдиҳии ҶТ ва коркарди тавсияҳо оид ба такмили он;

5) таҳқиқи вижагиҳои истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ҳамчун яке аз қисмҳои таркибии расмиёти маъмурӣ ва муқаррар намудани иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ;

6) коркарди принсипҳои асосии истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ;

7) омӯзиши давраҳо ва намудҳои истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ва муайян намудани механизми баамалбарории расмиёти иҷозатдиҳӣ;

8) муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти марбут ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани субъектон барои риоя накардани қоидаҳо ва талаботи низоми иҷозатдиҳӣ, коркарди тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти ҷавобгарии маъмурӣ.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** фарогири маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, таҷзия, материалӣ-диалектикӣ, низомнок, сохторӣ, мантиқӣ-шаклӣ) ва усулҳои махсуси илмӣ (ҳуқуқӣ-догматикӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, тарҳсозии меъёрӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ғ.) мебошад. Ҳамин тариқ, асосҳои методологии таҳқиқот, омӯзиши ҳаматарафа ва маҷмӯии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳиро дар ҶТ ҳамчун масъалаи мубрами илм ва амалияи ҳуқуқшиносии миллӣ, таҳияи андешаҳои назариявии мувофиқ ва ҷавобгӯ бо пайомадҳои муосир ва хулосабарорӣ намудан оид ба зарурати такмили қонунгузории миллии амалкунанда ва қабули санади ягонаи мураттабшуда оид ба тартиби баамалбарории низоми иҷозатдиҳӣ дар Тоҷикистонро таъмин менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** дар навбати аввал осори илмии намояндагони илми ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон ва Россия ба монанди: Д.Н. Бахрах, Ю.М. Козлов, А.Б. Зелентсов, А.Б. Агапов, К.С. Белский, Л.Л. Попов, Ю.А. Тихомиров, Ю.Н. Старилов, С.Н. Махина, А.Ф. Ноздрачев, М.А. Штатина, О.М. Олейник, А.Д. Ғафуров, С.И. Иброҳимов, Б.Ҳ. Раззоқов, Ҷ.Н. Ҷамшедов, Ғ.Б. Санавваров, З.М. Раҳматова, Ҳ.М. Каримов, З.М. Соибов ташкил медиҳанд.

Дар рисола ба сифати таҳқиқоти бунёдӣ вобаста ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ корҳои чунин олимони маъруфи хориҷӣ ва ватанӣ истифода гардидаанд: Д.В. Осинтсев, А.Б.

Багандов, Ю.Н. Милшин, М.А. Агапова, А.Н. Орлов, Г.В. Мелничук, С.Я. Нелюбин, Д.В. Гормах, Т.В. Куликова, К.И. Костилева, Ю.К. Валяев, Д.В. Шохин, Н.В. Субанова, Т.И. Султонова, Х.О. Ойев, Р.Н. Марифхонов.

**Асосҳои меъёрии таҳқиқотро** Конститутсияи ҶТ, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандани фаъолияти мақомоти давлатии гуногун дар соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ, ҳамчунин санадҳои зерқонунӣ, аз қабили қарорҳои Ҳукумати ҶТ ташкил медиҳанд.

**Асоси эмпирикии таҳқиқотро** маводди амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ, маълумотҳои оморӣ оиди натиҷаҳои марбут ба додан, барасмиятдарорӣ, боздоштан, қатъ кардан, барқарор намудани амал ва бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, додани нусхаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, назорати риояи шарту талаботи иҷозатдиҳӣ, татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ дар ҳолати вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба низоми иҷозатдиҳӣ, ҳамчунин амалияи судҳои умумии ҶТ, хусусан амалияи судҳои ноҳияҳои ш. Душанбе ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар кор таҷрибаи мақомоти иҷозатдиҳанда ҳангоми баамалбарории ваколатҳои иҷозатдиҳӣ истифода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода мегардад, ки дар илми муосири ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон аввалин маротиба, таҳқиқоти бунёдии махсус дар бораи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар ҶТ гузаронида шудааст. Муаллиф мафҳуми низоми иҷозатдиҳиро дар асоси аломатҳо ва махсусиятҳои он таҳия намуда, ҳамчунин шакл ва намудҳои ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро тасниф намудааст. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи танзими ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ, муаллиф як қатор таклифҳоро вобаста ба рушди ислоҳот ва такмили қонунгузории амалкунанда оид ба низоми иҷозатдиҳӣ, инчунин вобаста ба мақсад ва вазифаҳои ҷории рушди ҶТ пешниҳод намудааст.

**Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Дар шароити муосири илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ мафҳуми ягонаи низоми иҷозатдиҳӣ коркард нагардидааст. Мафҳуми «низоми иҷозатномадиҳӣ-иҷозатдиҳӣ» ва «иҷозатномадиҳӣ» дар бисёр мавридҳо якмазмун фаҳмида мешаванд. Ба тасдиқи муаллиф, низоми иҷозатдиҳӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқи маъмурӣ – маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ-маъмурии аз ҷониби давлат муқарраршудае мебошанд, ки муносибатҳои ҷамъиятии миёни мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ ҳангоми истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ вобаста бо додан, боздоштан ва бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ,

назорати риояи шарту талаботи низоми иҷозатдиҳӣ ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ нисбати вайронкунандагони тартиботи низоми иҷозатдиҳӣ ба вуҷуд ояндаро, ба танзим медароранд.

2. Бо мақсади бартараф намудани мухолифатҳои қонунгузории миллӣ миёни мафҳумҳои «иҷозат», «иҷозатнома», «иҷозати махсус» чунин пешниҳод карда мешавад:

а) азбаски сарчашмаи тамоми ин мухолифатҳоро мавҷуд набудани мафҳуми расмии дар қонун пешбинишудаи «иҷозат» ташкил медиҳад, зарур аст, ки дар қонунгузорӣ оид ба низоми иҷозатдиҳӣ чунин тарҳи мафҳуми он муайян карада шавад: «Иҷозат – санади ҳуқуқии маъмуриест, ки аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда ба шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва ё соҳибкорони инфиродӣ барои амалисозии намуди муайяни фаъолият (амал) бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатдиҳӣ дода мешавад»;

б) ба қонунгузории миллӣ тағйирот ворид карда шавад ва иҷозатнома (литсензия) ба низоми ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ҳамчун яке аз намудҳои алоҳидаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дохил карда шавад, дар ҳоле ки онро қонунгузорӣ бе асоси кофӣ аз ин низом хориҷ кардааст. Мафҳуми «иҷозатнома» дар шакли зерин пешбинӣ карда шавад: «Иҷозатнома – ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои баамалбарории намуди мушаххаси фаъолият мебошад, ки бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва ё соҳибкорони инфиродӣ дода мешавад».

в) дар қонунгузорӣ оид ба низоми иҷозатдиҳӣ тағйирот ворид карда шуда, мафҳуми «иҷозати махсус» ҳамчун муродифи истилоҳи «иҷозатнома» хориҷ гардад ва он ҳамчун ҳуҷҷати иҷозатдиҳии алоҳида муайян карда шавад.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки зарур аст дар қонунгузории миллӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, дар радифи шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ низ ба сифати довталаб ва ё дорандаи (барандаи) ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ муқаррар карда шаванд. Маҳдуд будани тарҳи амалкунандаи мафҳуми «мақомоти иҷозатдиҳанда»-ро ба инобат гирифта, пешниҳод карда мешавад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ гардидани мафҳуми пурра ва васеи «мақомоти иҷозатдиҳанда» мақсаднок ва аз ҷиҳати мубрамият асоснок мебошад. Муаллиф мафҳуми онро ба таври зайл пешниҳод менамояд: «Мақомоти иҷозатдиҳанда – мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад, ки тибқи қонун дорои ҳуқуқи додан, барасмиятдарорӣ, боз доштан, бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, ҳамчунин баамалбарории назорат ба риояи шарту талаботи иҷозатдиҳӣ ва дар ҳолати вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашидани дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мебо-

шад». Дар робита ба ин, мақомоти иҷозатдиҳандаро метавон ба мақомоти давлатии дорои ҳуқуқи додани иҷозат ва мақомоти давлатии дорои ваколатҳои иҷозатдиҳии бидуни ҳуқуқи додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ҷудо намуд.

4. Дар илми ҳуқуқи маъмурӣ ва қонунгузорӣ ба сифати объекти танзими низоми иҷозатдиҳӣ муайян намудани танҳо «фаъолияти соҳибкорӣ» маҳдуд буда, ба амалия ва объекти пурраи танзими низоми иҷозатдиҳӣ мутобиқат намекунад. Ин нуқтаи назар аз он вобаста аст, ки на ҳама намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ бо соҳаи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманданд: намудҳои дигари фаъолияти иҷозатдиҳие амал мекунанд, ки фарогири соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ мебошанд, ки мақсади баамалбарории онҳо бо гирифтани даромади иқтисодӣ вобастагӣ надоранд. Ба ғайр аз ин, ба объектҳои низоми иҷозатдиҳӣ метавон намудҳои фаъолияти (амалҳо) касбиеро дохил намуд, ки аз рӯи моҳияи худ ба намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, аммо барои амалисозии онҳо гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ талаб карда мешавад.

5. Раванди ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии падидаи низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида, ки барои ташаккули он нақши бунёдӣ доранд, ба се марҳила ҷудо карда мешавад:

1) марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, ки хусусияти кӯшиши аввалини танзими масъалаҳои низоми иҷозатдиҳиро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ нишон медиҳад (солҳои 1990-2004);

2) ин марҳила бо қабул ва амалии Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ҳамчун аввалин санади мураттабгашта, ки яке аз намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ-иҷозатномадиҳиро танзим менамояд ва асоси зуҳури танзими ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ мегардад, алоқаманд мебошад (солҳои 2004-2011);

3) марҳилаи қабул ва амали Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ки пурра ба танзими маҷмӯӣ (комплексӣ)-и масъалаҳои низоми иҷозатдиҳӣ равона гардидааст ва асос барои қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гаштааст. Аммо он дар шакли пурра натавонист ҳама мушкилоти танзими ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳиро ба таври комил ҳал намояд (аз соли 2011 то айни ҳол).

6. Дар марҳилаи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи низоми иҷозатдиҳӣ тавассути ду санади мураттабгашта ба танзим дароварда мешавад: Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ки ҳар кадоми онҳо дар меъёрҳои худ муқаррар менамоянд, ки намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ (иҷозатномадиҳӣ)-ро танҳо меъёрҳои

қонунҳои мазкур муайян менамоянд. Ин муқаррарот бо меъёрҳои даҳҳо қонунҳои алоҳида ва санадҳои зерқонунӣ, ки намудҳои алоҳидаи фаъолияти иҷозатдиҳиро танзим мекунанд, мухолиф буда, бархурд менамоянд.

Тақсим намудани намудҳои фаъолият ба иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, ҳамчунин дар сатҳи қонунгузорӣ ҷудо кардани иҷозатномадиҳӣ аз низоми иҷозатдиҳӣ, бисёр мушкилот ва зиддиятҳоро дар низоми танзими ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ ва амалияи татбиқи онҳо ба миён овард, ки дар натиҷа сабаби мавҷудияти монеаҳои зиёд дар рушди падидаи низоми иҷозатдиҳӣ ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишвар гардиданд. Бо назардошти вазъи мураккаби ҷойдошта, масъалаи қабули Кодекси иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад, ки он санади меъёрии ҳуқуқии ягонаи мураттабгаштаи муайянкунандаи намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва тартиби гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба ҳисоб меравад. Кодекси иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд фарогири меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии низоми иҷозатдиҳӣ бошад. Кодекси мазкур бояд моҳияти пурраи ин падидаро таҷассум намояд ва ба қатъи амали шумораи зиёди қонунгузорӣ ва санадҳои зериқонунии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи иҷозатдиҳӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ мусоидат намояд.

7. Истеҳсолот оид ба парвандаҳои низоми иҷозатдиҳӣ ё ин, ки истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ навъи махсус ва қисми таркибии истеҳсолоти расмиёти маъмурӣ мебошад, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ танзим гардида, амалисозии фаъолияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ (мақомоти иҷозатдиҳанда) оид ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маъмурии инфиродии вобаста ба масъалаҳои додан, барасмиятдарорӣ, боздоштан ва бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳии шахсони воқеию ҳуқуқӣ, амалисозии назорати дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ оид ба риояи шарту талаботи иҷозатдиҳӣ, ҳамчунин нисбат ба вайронкунандагони тартиботу талаботи иҷозатдиҳӣ татбиқи чораҳои маҷбурсозии маъмуриро дар бар мегирад.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» муқаррароти муайянкунандаи ҳайати пурраи иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ мавҷуд нест. Бо дарназардошти ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар Қонун иштирокчиёни зерини истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ илова карда шаванд: 1) мақомоти иҷозатдиҳанда; 2) довталаби ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ; 3) дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ; 4) дигар иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ.

Вобаста ба ин, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» меъёрҳои муқарраркунандаи вазъи ҳуқуқии мурофиавии тамоми иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ муқаррар карда шаванд.

8. Падидаи ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани шарту талаботи иҷозатдиҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ташаккул ва инкишоф қарор дорад. Бо мақсади рушди он, зарур аст, ки чораҳо оид ба такмили амалисозии Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (минбаъд КҲМ ҶТ) дар соҳаи иҷозатдиҳӣ андешида шаванд:

а) дар КҲМ ҶТ ҷавобгарӣ барои вайрон намудани шарту талаботи иҷозатдиҳӣ дар намуди зерин муқаррар карда шавад: «боздошти маъмурии амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои баамалбарории намуди муайяни фаъолият» ва «бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои баамалбарории намуди муайяни фаъолият»;

б) ҷавобгарӣ барои бе ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ баамалбарории намуди фаъолияти иҷозатдиҳӣ, ки мавҷудияти ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро талаб менамояд, танҳо дар доираи моддаи 510 КҲМ ҶТ муқаррар карда шавад ва дигар муқаррароти кодекси мазкур, ки ба ин модда мухолифат менамоянд бартараф карда шаванд;

в) меъёрҳо дар бораи ҷавобгарии маъмурии шахсони мансабдори мақомоти иҷозатдиҳанда барои вайрон намудани тартиби додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва эҷод намудани монеаҳои маъмурӣ дар як моддаи КҲМ ҶТ мураттаб ва муттаҳид карда шаванд;

г) ба сифати мақомоти дорои ҳуқуқи истисноии таъйин намудани ҷазои маъмурӣ дар намуди «бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои баамалбарории намуди муайяни фаъолият» дар сурати вайрон намудани шарту талаботи иҷозатдиҳӣ, мақомоти судӣ муайян карда шавад;

д) дар қонунгузорӣ оид ба бартарафсозии номушаххасӣ вобаста ба истифодаи мафҳуми «бозхонди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ», «қатъи амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ» ва «бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ» ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно зарур аст тағйирот ворид карда шавад ва ин камбудиҳо бартараф карда шаванд. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки сабабу асосҳои қатъи амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз сабаб ва асосҳои бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ фарқ карда шаванд, ҳамчунин истилоҳи «бозхонди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ» ба ибораи «бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ» иваз карда шавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки нуктаҳои консептуалии дар рисола пешниҳод гардида, дар рушди илми ҳуқуқи маъмурии ҶТ, аз ҷумла, назарияи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ нақши муҳим мегузоранд. Онҳоро метавон мин-

баъд дар раванди коркарди методологии таҳқиқоти низоми иҷозатдиҳӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ, аз ҷумла дарки назариявии ҷанбаҳои гуногуни механизми танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ, дар шароити имрӯзаи ислоҳоти ҳуқуқии Тоҷикистон истифода намуд.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ фазои таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳиро ба таври назаррас вусъат дода, имкон медиҳад, ки назария (доктрина)-и илмии ҳуқуқи миллиро бо ғояҳо ва андешаҳои назариявии нав ғанӣ гардонад. Рисолаи мазкур барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ дар Тоҷикистон ва дигар давлатҳои минтақа асоси назариявии устуворро ба вуҷуд меоварад.

**Аҳамияти амалии** таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар он ифодаёфтаро метавон дар раванди ислоҳоти маъмурии гузаронидашавандаи кишвар, барои такмили қонунгузории танзимкунандаи низоми иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла ҳангоми коркарди лоиҳаи Кодекси иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд. Инчунин онҳоро дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, аз ҷумла дар раванди фаъолияти ташкилӣ оид ба такмили минбаъдаи низоми ҳуқуқии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Маводди асосӣ, нуктаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро метавонанд дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия ҳангоми омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ», «Ҳуқуқи маъмурии мамлакатҳои хориҷӣ» истифода намуд. Ба ғайр аз ин, навгониҳои таҳқиқот барои омӯзиши донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқӣ ва таҳияи курсҳо ва фанҳои махсус, ҳамчунин дар доираи тайёр намудан, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ниҳоят муфид мебошанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он ифода мегардад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин маротиба таҳқиқоти бунёдии низоми иҷозатдиҳиро ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқи маъмурӣ анҷом додааст. Муаллиф фаҳмишҳои нави илмиро вобаста ба асоснокkунии назарияи рушд ва кодификатсияи қонунгузорӣ оид ба низоми иҷозатдиҳии маъмурӣ таҳия намудааст. Саҳми шахсии муаллиф ҳамчунин, бо сатҳи навгонҳои илмии рисола, андешаҳои асосии дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба такмили қонунгузории маъмурии ҶТ дар соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ, таълифоти илмӣ ва баромади муаллиф дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии институти ҳуқуқи Донишгоҳи дустии халқҳои Россия ва кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима шуда ба ҳимоя тавсия гардидааст. Нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариявии рисола дар 20 мақола, аз ҷумла 8 таълифот дар маҷаллаҳои пешбари тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии зерин дар шакли маърӯзаҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди конститутсионализм дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон» (ш. Душанбе, с. 2014); Конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ (Душанбе, с. 2015); Конференсияи байналмилалии илмӣ бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия (Душанбе, с. 2016); Конференсияи V байналмилалии илмӣ-амалии «Ҷаҳонишавӣ ва ҳуқуқи оммавӣ» (ш. Москва, с. 2016); Конференсияи умумироссиягии бахшида ба ёдбуди профессор Куфакова Нина Антоновна дар мавзӯи «Механизмҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ дар таъмини рушди ҷомеа» (ш. Москва, с. 2017); Конференсияи VI байналмилалии илмӣ-амалии «Ҷаҳонишавӣ ва ҳуқуқи оммавӣ» (ш. Москва, с. 2017); Конференсияи умумироссиягии бахшида ба ёдбуди профессор Куфакова Нина Антоновна дар мавзӯи «Механизмҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ дар таъмини рушди ҷомеа» (ш. Москва, с. 2018); Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо», бахшида ба 70-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (ш. Душанбе, с. 2018); Конференсияи илмӣ-амалии байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи маъмурӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ дар Россия ва хориҷа» (ш. Москва, с. 2018); Конференсияи VII байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҷаҳонишавӣ ва ҳуқуқи оммавӣ» (ш. Москва, с. 2019); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсия ва низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон: робитаи илм, ҳуқуқ ва амалия» (ш. Душанбе, с. 2020); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Инкишофи ҳуқуқи маъмурӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, с. 2020).

**Сохтор ва ҳаҷми рисола** бо мақсад ва вазифаҳои он мувофиқ мебошад. Рисола аз муқаддима, ду боб, ки фарогири ҳафт зербоб мебошанд, хулоса ва рӯйхати сарчашма ва адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 183 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи илмии коркарди он асоснок гардида, объект ва предмети таҳқиқот, мақсад, вазифа, методология, асосҳои назариявӣ ва амалии он муайян карда шуда, нуктаҳо ба ҳимоя пешниҳодгардида, навгонии илмии рисола, аҳамияти назариявӣ ва амалии он таҳия ва асоснок шуда, маълумот оид ба тасвиби натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастомада дода шудааст.

**Боби аввал – «Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба масъалаҳои умуми-назариявии муайян намудани мафҳум, мазмун ва моҳияти низоми иҷозатдиҳӣ дар илми ҳуқуқи маъмурии муосир бахшида шуда, ҳамчунин дар он сохтори муносибатҳои ҳуқуқии иҷозатдиҳӣ, таснифи субъект ва объекти он, мақсад ва таъйиноти асосии фаъолияти иҷозатдиҳӣ, мураттабсозӣ ва банизомдарории асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудаанд.

**Дар зербоби 1.1. – «Мафҳум ва моҳияти низоми иҷозатдиҳӣ дар илми ҳуқуқи маъмурии муосир»** ба таври муфассал мафҳум ва моҳияти низоми иҷозатдиҳӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқи маъмурӣ дар Тоҷикистони муосир таҳқиқ гардидааст.

Муаллиф таносуби мафҳумҳои «низоми иҷозатдиҳӣ», «низоми иҷозатномадиҳӣ-иҷозатдиҳӣ» ва «иҷозатномадиҳӣ»-ро баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки новобаста аз фаҳмишҳои гуногуни мавҷуда дар назарияи ҳуқуқи маъмурӣ категорияи «низоми иҷозатдиҳӣ» аз мафҳуми иҷозатномадиҳӣ васеътар маънидод карда мешавад. Бо назардошти далелҳои овардашуда, рисоланавис исбот мекунад, ки ҳаммаъно ва шабеҳ шуморидани мафҳумҳои «низоми иҷозатдиҳӣ» ва «иҷозатномадиҳӣ» комилан нодуруст аст, зеро иҷозатномадиҳӣ ҳамчун яке аз қисмҳои (намуди) таркибии низоми иҷозатдиҳӣ баромад менамояд. Ба ғайр аз иҷозатнома, низоми иҷозатдиҳӣ фарогири намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ, ба монанди аккредитатсионӣ, сертификатсиякунонӣ, аттестатсиякунонӣ, бақайдгирӣ ва ғ. мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот, мафҳуми муаллифии низоми иҷозатдиҳӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқи маъмурӣ дода шуда, пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба мафҳуми расмии низоми иҷозатдиҳӣ, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 августи 2011, таҳти №751 муқаррар гардидааст, таҳия гардидаанд.

Дар доираи зербоби мазкур муаллиф диққати махсусро ба ошкор ва муайян намудани алоқамандии мафҳумҳои «иҷозат», «иҷозатнома» ва «иҷозати махсус» равона намудааст. Дар шарҳи ин категорияҳо рисоланавис ба таҳқиқоти назариявии муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи танзими қонунгузории на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар давлатҳои ИДМ, аз он ҷумла Белоруссия, Қазоқистон ва Россия такя намудааст. Чунин хулосабарорӣ шудааст, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ истифодаи истилоҳоти «иҷозат», «иҷозатнома» ва «иҷозати махсус» ва тақсими онҳо ба мафҳумҳои хелӣ (иҷозат) ва намудӣ (иҷозатнома, иҷозати махсус) дуруст ва мақсаднок мебошад. Рисоланавис мафҳуми муаллифии «иҷозат» ва «ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ»-ро пешниҳод намуда, асоснок менамояд, ки иҷозат, иҷозатнома ва иҷозати махсус намудҳои алоҳидаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мебошанд. Ҳамчунин пешниҳод менамояд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ин тавсияҳо муқаррар карда шаванд.

Ба категорияҳои мақсад ва таъиноти низоми иҷозатдиҳӣ низ диққати махсус дода шуда, муайян карада мешавад, ки дар назарияи ҳуқуқи маъмурӣ ҳангоми маънидоднамоии мазмуни онҳо фаҳмиши ягона ҷой надорад. Муаллиф ин нуктаро бо он асоснок менамояд, ки мақсади низоми иҷозатдиҳӣ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (аммо на маҳдуднамоии онҳо, ба тасдиқи баъзе аз олимон) ва таъмини амнияти шахсият, ҷомеа ва давлат мебошад.

Таъйинот (асоси) низоми иҷозатдиҳӣ ба хулосаи рисоланавис дар маҳакҳои зерин ифода мегардад: зарурияти муқаррар намудани шарту талаботи махсус оид ба фаъолият, ҳамчунин тафтиши риояи онҳо дар раванди баамалбарории ин фаъолият бо мақсади пешгирии маҳдуднамоии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд, расонидани зарар ба муҳити зист ва амнияти давлат; маҳаки сифати касбӣ ва тахассусии субъект; маҳаки объектҳои махсус ҳифзшаванда ва объектҳои хислати махсусдошта, яъне объектҳое, ки бо шиддати баланди хавфнокӣ алоқаманд буда, риояи шарту талаботи махсусро талаб менамоянд; маҳаки зарурияти истифодаи захираҳои маҳдуди давлатӣ ва ғ.

Дар натиҷаи таҳлили мавқеи назариявии муаллифони муосир ва муқарраротӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми иҷозатдиҳӣ, рисоланавис номгӯи мантиқан асоснoккардашуда ва

бештар истифодашавандаи шаклҳои ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии зеринро пешниҳод намудааст: иҷозат, иҷозатнома, иҷозати махсус, аккредитатсия, аттестатсия, хулоса, сертификат, шаҳодатнома, гувоҳинома, санади баҳодиҳӣ, мувофиқа.

**Зербоби 1.2. – «Объект ва субъекти низоми иҷозатдиҳӣ дар низоми муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ»** ба таҳқиқи унсурҳои сохтори таркиби анъанавии муносибатҳои ҳуқуқи иҷозатдиҳӣ бахшида шудааст, ки ба он объект, субъект ва мазмун мансуб мебошанд.

Объекти умумии низоми иҷозатдиҳиро амнияти ҷамъият, давлат, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ, ахлоқ, саломатии аҳолӣ ва муҳити зист, объектҳои мероси фарҳангии (ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ) халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудофиаи давлат аз оқибатҳои манфии намудҳои муайяни фаъолият, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба амал бароварда мешаванд, ташкил медиҳад.

Муаллиф ба сифати объекти низоми иҷозатдиҳӣ, махсусан, ҳуқуқи баамалбарории амалҳои алоҳида ё машғул шудан ба намуди мушаххаси фаъолиятро дохил намудааст. Чунин фаъолият (амал) бевосита дар қонунгузорӣ оид ба низоми иҷозатдиҳӣ пешбинӣ шудааст ва барои амалисозии ин гуна фаъолият ё амалҳо гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ талаб карда мешавад.

Дар қонунгузории миллӣ муқаррот ва меъёрҳое мавҷуд аст, ки объекти низоми иҷозатдиҳиро танҳо бо фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳаи фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд менамоянд. Муаллиф исбот намудааст, ки чунин мавқеи қонунгузорӣ фазои объектҳои танзими низоми иҷозатдиҳиро маҳдуд мекунад. Ба андешаи муаллиф, вобаста кардан ва шабоҳат додани объектҳои низоми иҷозатдиҳӣ танҳо бо фаъолияти соҳибкорӣ, дар шакли зарурӣ мазмун ва моҳияти пурраи низоми иҷозатдиҳиро ифода карда наметавонад. Доираи объектҳои танзими низоми иҷозатдиҳӣ васеътар буда, ба ғайр аз соҳаи иқтисодӣ, ҳамчунин соҳаҳои сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангиро низ дар бар мегирад. Барои асоснок намудани ин мавқеъ, рисоланавис намудҳои алоҳидаи фаъолияти (амали) иҷозатдиҳиеро низ таҳлил намудааст, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд набуда, мақсади онҳоро ба даст овардани фоидаи тиҷоратӣ ташкил намедиҳад.

Рисоланавис махсусияти субъектҳои низоми иҷозатдиҳиро баррасӣ намуда, онҳоро ба субъектҳои дорандаи ваколатҳои ҳокимиятӣ – мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори он ва субъетҳои ваколати ҳокимиятӣ надошта – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо менамояд. Дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши мазмуни таърифи «мақомоти иҷозатдиҳанда», мафҳуми муаллифии онро нишони дода, пешниҳод менамояд, ки он дар Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми

иҷозатдиҳӣ» муқаррар карда шавад. Ба вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷозатдиҳанда ва ваколатҳои иҷозатдиҳии мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳамчун мақомоти иҷозатдиҳанда, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ диққати махсус дода шуда, тавсияҳо вобаста ба такмили вазъи ҳуқуқии онҳо дар қонунгузорӣ оид ба низоми иҷозатдиҳӣ пешниҳод гардидаанд. Дар иртибот бо мавҷудияти як қатор мақомоти давлатии дорои ваколатҳои иҷозатдиҳӣ, ки онҳо мақомоти ҳокимияти иҷроия намебошанд, инчунин оид ба мухолифат ва маҳдудияти муқаррароти қонунгузории амалкунанда, ки мақомоти ҳокимияти иҷроияро ба сифати мақомоти истисноии иҷозатдиҳанда муқаррар менамоянд, хулоса ва тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

Дар рисола суд ба сифати яке аз субъектҳои муҳимми дорандаи ваколати ҳокимиятӣ дар низоми иҷозатдиҳӣ баррасӣ гардидааст. Суд ягона мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад, ки баҳсҳои байни довталаби (дорандаи) ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва мақомоти иҷозатдиҳандаро баррасӣ ва ҳал менамояд. Инчунин, суд ҳуқуқ дорад, амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро боз дорад ва ё бекор намояд.

Дар бораи вазъи ҳуқуқии шахси воқеӣ ҳамчун субъекти низоми иҷозатдиҳӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» меъёр оид ба мақоми расмии шахси воқеӣ ҳамчун субъекти низоми иҷозатдиҳӣ муқаррар карда шаванд. Ҳамчунин, аз ҷониби муаллиф мафҳуми довталаб ва дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ пешниҳод гардидааст.

**Зербоби 1.3. – «Асосҳои ҳуқуқии ташаккули низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва мухолифатҳо»** ба масъалаҳои танзими меъёрии ҳуқуқии падидаи низоми иҷозатдиҳӣ бахшида шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми иҷозатдиҳӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта дар раванди гузариш аз низоми маъмурӣ-фармонравоии идоракунии иқтисодӣ ба низоми идоракунии бозоргонӣ ба миён омадааст.

Рисоланавис се марҳилаи рушди танзими ҳуқуқӣ-маъмурии падидаи низоми иҷозатдиҳиро дар ҶТ ҷудо намудааст:

Мариҳилаи якум гузариш буда, аз соли 1991 то соли 2004 – аввалин маротиба дар қонунгузории кишвар мафҳумҳои «иҷозатдиҳӣ», «иҷозатнома», «фаъолияти иҷозатномадиҳӣ» ва ғ. истифода шуданд. Махсусияти ин марҳила аз он иборат аст, ки санади ягонаи меъёрии ҳуқуқии кодификатсияшуда мавҷуд набуд. Оғоз аз соли 1991 дар ҶТ зиёда аз сад санадҳои меъёрии ҳуқуқии (қонун ва санадҳои зериқонунӣ) танзимкунандаи масъалаи низоми иҷозатдиҳӣ қабул карда шуданд.

Марҳилаи дуюм, қабули аввалин қонуни алоҳида дар бораи иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки соли 2004 то соли 2011 – дар бар мегирад мебошад;

Марҳилаи сеюм, замони муосири рушд: аз соли 2011 то имрӯз – ва қабули аввалин қонуни кодификатсионӣ оид ба низоми иҷозатдиҳӣ.

Дар ин зербоб диққати асосӣ ба ҳолати муосири танзими меъёрии ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ дода шудааст. Вобаста ба самти танзими меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории иҷозатдиҳиро дар низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон ба ду қисм ҷудо намудан мумкин аст: оид ба иҷозатномадиҳӣ, ки асоси онро Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»; ва оид ба низоми иҷозатдиҳӣ, ки онро Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ташкил медиҳад. Рисоланавис ҳангоми омӯзиши қонунҳои мазкур як қатор норасоӣ ва мухолифатҳои миёни муқаррароти дар ин қонунҳо ҷойдоштаро ошкор намудааст. Ғайр аз ин, дар раванди таҳқиқот доираи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои зериқонунӣ таҳлил ва нишон дода шудаанд, ки намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳиро бевосита муқаррар меномоянд ва дар Қонун «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» пешбинӣ нагардидаанд.

Бо назардошти ошкор намудани мушкилиҳои мавҷудбуда, муаллиф тавсияҳои илман асоснокро вобаста ба такмили қонунгузории амалкунанда оид ба низоми иҷозатдиҳӣ пешниҳод менамояд. Ба ақидаи ӯ, яке аз воситаҳои бартарафсозии бенизоми дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи низоми иҷозатдиҳӣ, қабули Кодекси иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Қабули Кодекси иҷозатдиҳӣ имкон медиҳад, ки дар асосҳои нави бунёдӣ ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муттаҳид карда шаванд, танзими иҷозатномадиҳӣ ҳамчун қисми таркибии низоми иҷозатдиҳӣ таъмин гардад.

Кодекси иҷозатдиҳии ҶТ ба сифати санади меъёрии ҳуқуқии махсуси кодификатсияшуда бояд тамоми меъёрҳои ҳуқуқи иҷозатдиҳиро мураттаб гардонад; номгӯи пурраи намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳиро муқаррар намояд; феҳристи ягонаи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро муайян намояд; тартиби баамалбарории намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва фарқияти амиқи миёни иҷозатномадиҳӣ ва низоми иҷозатдиҳиро муайян намояд; вазъи мурофиавӣ-ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии иҷозатдиҳиро муқаррар намояд; мақсаду вазифаи низоми иҷозатдиҳӣ ва маҳакҳои зарурии муайяннамоии намудҳои фаъолият, ки тавассути додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ танзим мегарданд, муайян кунад; маҳакҳои тақсим намудани намудҳои фаъолиятро ба намудҳои фаъолияти

иҷозатномадиҳӣ ва намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва ғайраро мушаххас намояд.

**Боби дуюм – «Истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ҳамчун предмети танзими ҳуқуқӣ-маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳқиқи ҷанбаҳои муҳимми истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ва махсусияти он ҳамчун қисми таркибии истеҳсолоти маъмурӣ, омӯзиши шаклҳо ва давраҳои асосии амалисозии истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ бахшида шудааст.

**Дар зербоби 2.1. – «Асосҳои бунёдии ташаккули назарияи муосири истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ»** мафҳум, моҳият ва махсусияти истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ҳамчун намуди мустақили истеҳсолоти мурофиавии маъмурӣ таҳқиқ гардидааст.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот чунин хулосабарори намудааст, ки айни ҳол зарурати такмили муқаррароти Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ ва санадҳои қонунгузории танзимкунандаи масъалаи истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ба миён омадааст. Қайд менамояд, ки қонун «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар қисмати истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ бояд ба муқаррароти Кодекси расмиёти маъмурӣ мутобиқ карда шавад. Дар натиҷаи дарки бунёдии фаҳмишҳои гуногуни назариявии таърифи истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ, бо мақсади минбаъд дар қонун (кодекс) дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ мустаҳкам намудан мафҳуми муаллифии онро пешниҳод менамояд.

Таҳлили табиати ҳуқуқӣ, махсусият ва сохтори таркибии истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ нишон медиҳад, ки он дорои унсурҳои бунёдии хосси истеҳсолоти расмиёти маъмурӣ ва ҳамчунин, истеҳсолоти юрисдиксионии маъмурӣ мебошад. Рисоланавис аз рӯи асосҳои методологӣ маҷмӯи масъалаҳои истеҳсолоти иҷозатдиҳиро ҳамчун самти босуръати баамалбарории низоми иҷозатдиҳӣ таҳқиқ намудааст. Махсусан, масъалаҳои марбут ба вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, муқаррар карда мешавад, ки вазъи ҳуқуқӣ-мурофиавии онҳо ба таври дахлдор дар қонунгузории миллӣ дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ танзим нагардидааст.

Муаллиф асоснок менамояд, ки низоми иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ бо фаро гирифтани субъектони зерин муқаррар карда шавад: - тарафҳо - довталаби (дорандаи) ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва мақомоти иҷозатдиҳанда;

- дигар иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ – мақомоти ваколатдори давлатие, ки ҳуқуқи додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро надорад, аммо дорои ваколати контролӣ-назоратӣ оид ба риояи шарту талаботи иҷозатдиҳӣ мебошад; намояндагони довталаб ва дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ; мақомоти судӣ; мутахассис-коршинос.

Дар хулосаи зербоб аз ҷониби муаллиф тавсиҳои асоснокшуда оид ба муқаррар намудани ҳамаи доираи иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ва танзими вазъи ҳуқуқӣ-мурофиавии онҳо дар қонунгузорӣ дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ пешниҳод карда мешаванд.

**Дар зербоби 2.2. – «Давраҳои истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ: масъалаҳои баҳсноки назариявӣ ва танзими ҳуқуқӣ»** истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ҳамчун намуди расмиёти маъмурӣ, ки тавассути меъёрҳои мурофиавии маъмурӣ танзим карда мешавад ва дорои хусусияти даврагӣ мебошад, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои баҳсноки олимон вобаста ба масъалаи таснифбандии давраҳои истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ, чунин давраҳои истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ асоснок ва пешниҳод карда мешаванд: а) оғоз намудани истеҳсолот дар бораи парванда (оғози истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ); б) моҳиятан баррасӣ намудани парванда ва қабули қарор; в) контроли (назорати) иҷозатдиҳӣ; г) барасмиятдарорӣ, тамдид ва додани нусхаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ (иловагӣ); д) татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ барои риоя накардани қоидаҳо, талабот ва шартҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ (иловагӣ).

Дар ин зербоб махсусияти танзими ҳуқуқии ҳар яке аз давраҳои истеҳсолоти иҷозатдиҳиро рисоланавис муфассал таҳқиқ намуда, оид ба бартарафсозии мушкилиҳои хусусияти расмиётидошта дар қонунгузории миллии амалкунанда оид ба низоми иҷозатдиҳӣ як қатор пешниҳодҳо манзур карда мешаванд. Хусусан, пешниҳод мегардад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» моддаҳои алоҳида вобаста ба мухлати баррасӣ ва қабули қарори мақомот оид ба пешниҳод намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ё оид ба рад намудани додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ; шакл ва тартиби қабули қарори (фармоиши) мақомоти иҷозатдиҳанда оид ба додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ё оид ба рад намудани додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ; ворид намудани маълумотҳои зарурӣ дар қарори (фармоиши) мақомоти иҷозатдиҳанда оид ба додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ё оид ба рад намудани додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва ё дар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ; тартиб ва механизми баамалбарории назорати иҷозатдиҳӣ дар бораи риояи шарту талаботи фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва ғайра муқаррар карда шаванд.

Барои ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар амалияи мақомоти иҷозатдиҳанда ҳангоми баамалбарории истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ, қабул гардидани Низомнома оид ба хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи фаъолияти иҷозатдиҳӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ аз манфиат холи нест.

**Боби сеюм – «Ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани шарту талаботи иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: танзими**

**ҳуқуқӣ ва масъалаҳои такмили он»** оид ба баррасии фаҳмишҳои бунёдӣ вобаста ба муайян намудани мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани шарту талаботи иҷозатдиҳӣ, таҳқиқи механизми татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани шарту талабот ва масъалаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани талабот ва шартҳои иҷозатдиҳӣ бахшида шудааст.

**Дар зербоби 3.1. – «Фаҳмишҳои назариявӣ оид ба муайян намудани табиати ҷавобгарии маъмурии татбиқшаванда барои вайрон намудани шарту талаботи иҷозатдиҳӣ нисбати дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ»** табиати ҳуқуқии функсияи ҷавобгарии маъмурӣ, ки дар алоқамандӣ бо рафтори ғайриқонунии дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ амалӣ гардонида мешавад, таҳқиқ гардидааст.

Рисоланавис табиати ҳуқуқӣ ва махсусияти ҷазоҳои маъмурии нисбати дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, ки дар намуди боздошти амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ татбиқ мегарданд, таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки ҷазоҳои мазкур намуди мустақили ҷавобгарии маъмурӣ мебошанд. Бо назардошти ин, зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КҲМ ҶТ ва дар он мустаҳкам намудани ҷазоҳо барои вайрон намудани талабот ва шартҳои иҷозатдиҳӣ аз ҷониби дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар намуди «боздошти маъмурии амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои баамалбарории намуди муайяни фаъолият» ва «бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои баамалбарории намуди муайяни фаъолият» асоснок ва пешниҳод карда мешавад.

Дар ин зербоб оид ба мушаххас намудани таносуби мафҳуми «бекор намудан», «бозхонд» ва «маҳрум намудан» аз ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, ки дар корҳои олимони ҳуқуқи маъмурӣ инъикос гардидаанд ва ба таври васеъ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд, диққати махсус дода шудааст. Рисоланавис асоснок менамояд, ки дар соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ-деликтӣ ва дар қонунгузорӣ зарурияти истифодаи мафҳуми «бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои баамалбароии намуди муайяни фаъолият» ҳамчун намуди ҷазои маъмурӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мавқеи муҳимро дар ин зербоб омӯзиши тартиб ва асосҳои боздошти амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ишғол менамояд. Махсусияти ин асосҳоро таҳлил намуда, муаллиф моҳияти онҳо на танҳо равшан намудааст, балки ҳамчунин низоми муайяни онҳо низ ба тартиб даровардааст. Бо такя ба натиҷаҳои бадастомада, ӯ нуктаҳоро оид ба зарурияти мустаҳкам намудани тамоми асосҳои боздошти амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва

бекор намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар моддаҳои алоҳидаи Қонун «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» асоснок карда шудааст.

**Дар зербоби 3.2. – «Масъалаҳои такмили ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани шарту талаботи иҷозатдиҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мушкилот ва мухолифатҳо дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҲМ ҶТ) аз 31 декабри соли 2008, таҳти №455, ки барои рушди ботадриҷи меъёрҳои танзимкунандаи низоми иҷозатдиҳӣ дар маҷмӯъ монеа эҷод мекунанд, махсусан мушкилот ва муаммоҳои падидаи ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани талабот ва шартҳои иҷозатдиҳӣ ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқи амалияи татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани талабот ва шартҳои иҷозатдиҳӣ, ки КҲМ ҶТ муқаррар намудааст, муаллиф як қатор норасои ва мухолифатҳоро дар танзими ҳуқуқӣ он ошкор намудааст. Масалан, муайян мегардад, ки дар бисёр ҳолатҳо меъёрҳои қисми умумии Кодекс бо баъзе меъёрҳои қисми махсуси он мухолифат менамоянд; барои вайрон намудани талабот ва шартҳои иҷозатдиҳӣ дар як маврид дар якчанд моддаҳои КҲМ ҶТ ҷазоҳои алоҳидаи маъмурӣ муқаррар карда шудааст. Аз ин рӯ рисоланавис вобаста ба такмили қонунгузоии ҶТ оид ба ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани талабот ва шартҳои иҷозатдиҳӣ як қатор пешниҳодҳо намудааст, ки аз манфиат холӣ нестанд.

Махсусан, ӯ пешниҳодҳоро вобаста ба ворид намудани номгӯи як қатор моддаҳо ба КҲМ ҶТ бо номгузорӣ ва тартиби зерин асоснок кардааст: «Амалисозии фаъолияте, ки доштани ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро талаб менамояд, бе ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ»; «Вайрон намудани шарту талаботи баамалбарории намуди муайяни фаъолияти иҷозатдиҳӣ»; «Вайрон намудани расмиёти додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ»; «Ҷавобгарии мақомоти иҷозатдиҳанда барои вайрон намудани талаботи қоидаҳои бурдани бақайдгирии ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва (ё) қоидаҳои бурдани феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ»; «Ҷавобгарии мақомоти иҷозатдиҳанда барои вайрон намудани шарту талаботи баамалбарории назорати иҷозатдиҳӣ».

Дар **хулосаи** рисола натиҷаҳои асосҳои таҳқиқот, пешниҳодҳо ва тавсияҳои рисоланавис вобаста ба масъалаҳои баррасигардида оварда шудааст. Низоми иҷозатдиҳӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқи маъмурӣ – маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ-маъмурии аз ҷониби давлат муқарраршудае мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии миёни мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ ҳангоми истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ вобаста бо додан, боздоштан ва бекор

намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, назорати риояи шарту талаботи низоми иҷозатдиҳӣ ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ нисбат ба вайронкунандагони тартиботи низоми иҷозатдиҳӣ ба вуҷуд меоянд, ба танзим медарорад [2–М].

Ба низоми иҷозатдиҳӣ чунин намудҳои фаъолияте дохил мешаванд, ки ғайрикасбӣ ва бе риояи шарту талаботи махсус амалисозии он боиси зарар расонидан ба ҳуқуқ, саломатии аҳолӣ, манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, мудофиа ва амнияти давлат, мероси фарҳангии халқи ҶТ мегарданд ва амалисозии ин намудҳои фаъолият ба ҷуз танзими низоми иҷозатдиҳӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ , мақсади низоми иҷозатдиҳиро – таъмини амнияти ҷомеа, давлат, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ, ахлоқ, саломатии аҳолӣ ва муҳити атроф ташкил медиҳад [9–М].

Иҷозатномадиҳӣ – яке аз шаклҳои асосии низоми иҷозатдиҳӣ буда, як мафҳум донистан ва муқобил гузоштани онҳо ғайримантиқист. Иҷозатномадиҳӣ ҳамчун қисми таркибии низоми иҷозатдиҳӣ фарогири маҷмӯи чорабиниҳои марбут ба дастрас намудани иҷозатнома, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, тасдиқи мавҷудияти иҷозатнома, боздошти амали иҷозатнома ва барқарор намудани амали иҷозатнома, бекор намудани иҷозатнома ва назорати мақомоти иҷозатномадиҳанда аз болои дорандаи иҷозатнома оид ба риоя намудани шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ҳангоми баамалбарории намуди фаъолияти иҷозатномадиҳӣ мебошад [3–М].

Низоми иҷозатдиҳӣ мафҳуми нисбатан васеъ буда, ба ҷуз аз иҷозатномадиҳӣ, ҳамчунин фарогири намудҳои фаъолияти дигар ба монандӣ: бақайдгирӣ, аккредитатсионӣ, стандартизатсионӣ, сертификатсиякунонӣ, аттестатсионӣ ва ғайра мебошад [1–М].

Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ фарогири чунин масъалаҳо аст: танзими фаъолияти мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ; фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ (амалисозии истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ва меъёрэҷоднамоӣ); контрол ва назорат дар соҳаи мазкур; ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан дар сурати ошкорсозии вайрон намудани қоидаҳо ва шарту талаботи иҷозатдиҳӣ [7–М].

Дар шароити имрӯза танзими меъёрии ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ дар ҶТ дар ҳолати ноустувор ва нопурра (пароканда) қарор дорад. Сабаб дар набудани санади меъёрии ҳуқуқии ягонаи кодификатсияшудаи танзимкунандаи масъалаи низоми иҷозатдиҳӣ мебошад. Барои ҳалли ин мушкилот ва банизомдарории муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи низоми иҷозатдиҳӣ, муаллиф чунин пешниҳод намудааст, ки айни ҳол қабули Кодекси

иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, он бояд ягона санади меъёрии ҳуқуқии кодификатсияшудаи муайянкунандаи намудҳои фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва тартиби гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бошад. Қабули Кодекси иҷозатдиҳӣ бояд ба қатъи амали санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зиёди танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи иҷозатдиҳӣ дар соҳаҳои гуногун мусоидат намояд. Кодекси иҷозатдиҳӣ бояд меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии низоми иҷозатдиҳиро дар бар гирад [10–М].

## МАЗМУНУ МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАЦИЯ ДАР МАВОДИ ИНТИШОРИИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ДАРҶ ШУДААНД:

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд


[1–М]. Наимов, Б.Г. Понятие и сущность разрешительной системы в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. «СИНО», 2017. – №2 (6). – С. 221-224.

[2–М]. Наимов, Б.Г. Некоторые вопросы разрешительной системы в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // «Правовая жизнь» Научно – информационный журнал. – Душанбе. 2018. – №1 (18). – С. 95-106.

[3–М]. Зеленцов, А.Б., Наимов, Б.Г. Разрешительная деятельность органов внутренних дел в Республике Таджикистан [Текст] / А.Б. Зеленцов, Б.Г. Наимов // Вестник ВИПК МВД России. – Москва. 2018. – №2. – С. 128-134.

[4–М]. Наимов, Б.Г. Некоторые вопросы разрешительного правоотношения в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. 2018. – №4 – С. 279-283.

[5–М]. Наимов, Б.Г. Понятия разрешения и лицензии в законодательстве Республики Таджикистан в контексте сравнительного правоведения [Текст] / Б.Г. Наимов // Журнал «Административное право и процесс», Федеральный научно-практический журнал. – Москва. 2018. –№5. – С. 73-78.

[6–М]. Наимов, Б.Г. Разрешительное производство как особый вид административного производства [Текст] / Б.Г. Наимов //«Правовая жизнь» Научно – информационный журнал. – Душанбе. 2019. – №2 (26). – С. 242-254.

[7–М]. Наимов, Б.Ғ. Мушкилоти танзими ҳуқуқии падидаи низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ». – Душанбе. 2020. – №1 (29). – С. 300-306.

[8–М]. Наимов, Б.Ғ. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи иҷозатдиҳӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ.

Наимов // Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ». – Душанбе. 2020. – №3 (31). – С. 250-261.

## Мақолаҳои илмие, ки дар нашрия ва маҷмӯаҳои дигар чоп шудаанд

[9–М]. Наимов, Б.Г. Понятие и особенности лицензионно-разрешительной системы [Текст] / Б.Г. Наимов // Научно-информационный журнал «Правовая жизнь» – Душанбе. 2015. – №3 (11) –С. 60-69.

[10–М]. Наимов, Б.Ғ. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми иҷозатдиҳӣ [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) / Зери таҳрири д.и.ҳ. профессор Диноршоев А.М. – Душанбе: Эксклюзив, – 2016. – С. 63-67.

[11–М]. Наимов, Б.Ғ. Мафҳум ва намудҳои иҷозатнома (литсензия) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон // Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе. 2016. – №2 (02). – С. 64-70.

[12–М]. Наимов, Б.Г. К вопросу о понятии лицензионно-разрешительной системы в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Материалы V Международной научно-практической конференции «Глобализация и публичное право» – Москва: РУДН, – 2017. – С. 248-255.

[13–М]. Наимов, Б.Г. Общая характеристика разрешительной системы [Текст] / Б.Г. Наимов // Материалы Конференция памяти Куфаковой Н.А «Публично-правовые механизмы в обеспечении общественного развития». – Москва: РУДН, – 2017. – С. 182-191.

[14–М]. Наимов, Б.Г. К вопросу о понятии и видах разрешений в административном праве [Текст] / Б.Г. Наимов // // Материалы VI –й Международной научно-практической конференции «Глобализация и публичное право». – Москва: РУДН, – 2018. – С. 301-308.

[15–М]. Наимов, Б.Г. Действие разрешений во времени в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Материалы межвузовской научной конференции «Актуальные проблемы административного, финансового и информационного права в России и за рубежом». – Москва: РУДН, – 2018. – С. 179-187.

[16–М]. Наимов, Б.Г. О структуре разрешительного правоотношения [Текст] / Б.Г. Наимов // Материалы Всероссийской научной конференции, посвящённой памяти профессора Нины Антоновны Ку-

факовой «Публично-правовые механизмы в обеспечении общественного развития» – Москва: РУДН, –2018. – С. 169-177.

[17–М]. Наимов, Б.Г. К вопросу о понятии и классификации субъектов разрешительной системы [Текст] / Б.Г. Наимов // Глобализация и публичное право: материалы Международной научно-практической конференции. – Москва: РУДН, – 2019. – С. 202-210.

[18–М]. Наимов, Б.Г. Проблемы процессуально-правового положения участников разрешительного производства в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / Б.Г. Наимов // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. – Душанбе, 2019 – №3 (15). – С. 101-109.

[19–М]. Наимов, Б.Ғ. Принсипҳои асосии танзими низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе. 2019. – №4 (16). – С. 56-74.

[20–М]. Наимов, Б.Ғ. Ҳайати иштирокчиёни истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми иҷозатдиҳӣ [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, – 2020. – С. 238-248.

## АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Наимова Бободжона Гоибовича на тему: «Административно-правовое регулирование разрешительной системы в Республике Таджикистан» на соискании учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.14 – Административное право; административный процесс (юридические науки)**

**Ключевые слова:** разрешение, лицензия, разрешительная система, разрешительный документ, разрешительный орган, разрешительное законодательство, разрешительные правоотношения, административно-правовое регулирование, разрешительное производство, разрешительная процедура, участники разрешительного производства, стадии разрешительного производства, разрешительные требования и условия, административная процедура, административная ответственность, ответственность за нарушение законодательства о разрешительной системе, приостановление и аннулирование разрешительного документа.

Кандидатская диссертация Б.Г. Наимова посвящена изучению актуального для науки административного права Таджикистана вопроса, а именно административно-правового регулирования разрешительной системы. Административно-правовое регулирование разрешительной системы в РТ представляется одной из актуальных тем исследований как в национально-правовой науке в целом, так и в науке административного права, в частности. Институт разрешительной системы в системе таджикского права является новеллой, которая настоятельно требует пристального изучения. В процессе административно-правового регулирования разрешительной системы возникает множество важных проблем, которые требуют комплексного подхода к их решению. Диссертация представляет собой комплексное исследование разрешительной системы как институт административного права.

Диссертант, на основе различных теоретических точек зрения и правоприменительной практики обосновал понятие и сущность разрешительной системы, его объект и субъектов в системе административно-правовых отношений, проблемы формирования правовых основ разрешительной системы в Республике Таджикистан. Также автором изучены концептуальные основы формирования современной теории разрешительного производства, дискуссионные вопросы теории и правового регулирования стадий разрешительного производства, теоретические подходы к определению природы административной ответственности, применяемой за нарушение разрешительных требований и условий, а также проблемы её совершенствования в законодательстве Республики Таджикистан.

Основные выводы и предложения диссертационного исследования имеют большое теоретическое и практическое значение и должны способствовать совершенствованию национального законодательства по вопросам административно-правового регулирования разрешительной системы, и в целом развития административного права в Республике Таджикистан.

# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Наимов Бобоҷон Ғоибович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Калидвожаҳо:** иҷозат, иҷозатнома, низоми иҷозатдиҳӣ, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, мақомоти иҷозатдиҳанда, қонунгузории иҷозатдиҳӣ, муносибатҳои ҳуқуқи иҷозатдиҳӣ, танзими ҳуқуқӣ-маъмурӣ, истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ, расмиёти иҷозатдиҳӣ, шарту талаботи иҷозатдиҳӣ, расмиёти маъмурӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузории низоми иҷозатдиҳӣ, боздоштан ва бекор намудани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ.

Рисолаи номзадии Б.Ғ. Наимов ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон, махсусан танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ бахшида шудааст. Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар ҶТ яке аз мавзӯъҳои мубрами таҳқиқотӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, аз ҷумла дар илми ҳуқуқи маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Низоми иҷозатдиҳӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон падидаи нав буда, омӯзиши ҳамаҷониба ва ҷиддиро талаб менамояд. Дар раванди танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ бисёр масъалаҳои муҳим ва ҳалношуда ба миён меоянд, ки ҳалли дурусти онҳо фаҳмиш ва назари комплексиро талаб менамояд. Диссертатсия таҳқиқоти маҷмӯии низоми иҷозатдиҳиро ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ дар бар мегирад.

Рисоланавис, дар асоси омӯзиши ақидаҳои гуногуни назариявӣ ва таҷрибаи амали ҳуқуқӣ, мафҳум ва моҳияти низоми иҷозатдиҳӣ, объект ва субъекти он дар низоми муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ, масъалаи асоси ҳуқуқии ташаккули низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муаллиф асосҳои консептуалии назарияи муосири ташаккули истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ, масхалаҳои бахсноки назариявӣ ва танзими ҳуқуқии давраҳои истеҳсолоти иҷозатдиҳӣ, фаҳмишҳои назариявиро оид ба муайян намудани табиати ҷавобгарии маъмурӣ, ки барои вайрон намудани шарту талаботи иҷозатдиҳӣ татбиқ карда мешавад, инчунин масъалаи такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, дар такмили қонунгузории миллӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла ба рушди ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд.

## ANNOTATION

**to the dissertation of Naimov Bobojon Goibovich on the theme: «Administrative and Legal Regulation of the Permitting System in the Republic of Tajikistan» for the degree of candidate of law in specialty of 12.00.14 - Administrative law, administrative process (legal sciences)**

**Keywords**: permit, license, permitting system, permitting document, permitting authority, permitting legislation, permitting legal relations, administrative and legal regulation, permitting proceedings, permitting procedure, participants in permitting proceedings, stages of permitting proceedings, permitting requirements and conditions, administrative procedure, administrative responsibility, liability for violation of the legislation on the permitting system, suspension and cancellation of the permitting document.

The dissertation of B.G. Naimov is devoted to the study of the topical issue for the science of administrative law of Tajikistan, namely, the administrative and legal regulation of the permitting system. Administrative and legal regulation of the permitting system in the Republic of Tajikistan seems to be one of the most actual topics for the research both in national legal science in general and within the science of administrative law, in particular. The institution of the permitting system in the system of Tajik law is a novelty that urgently requires additional studies. In the process of administrative and legal regulation of the permitting system, many important problems arise that require an integrated approach to their solution. The thesis represents a comprehensive study of the permitting system as an institution of administrative law.

The author, on the basis of various theoretical points of view and law enforcement practices, substantiated the concept and essence of the permitting system, its object, and subjects in the system of administrative and legal relations, the problems of forming the legal foundations of the permitting system in the Republic of Tajikistan. The author also reviewed the conceptual foundations of the formation of a modern theory of permitting proceedings, debatable issues of theory and legal regulation of the stages of permitting proceedings, theoretical approaches to determining the nature of administrative liability applied for violation of permitting requirements and conditions, as well as problems of its improvement in the legislation of the Republic of Tajikistan.

The main conclusions and proposals of the research are of great theoretical and practical importance and should contribute to the improvement of national legislation on the issues of administrative and legal regulation of the permitting system, and in general the development of administrative law in the Republic of Tajikistan.